«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
«15» 05 с. 2023.

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович зери унвони «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» ба шиносномаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) комилан мутобиқат менамояд.

Яқинан, калимасозӣ дар низоми дастурии забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои баҳснок ва то ҳол ҳалношуда боқӣ мемонад. Бо вуҷуди он ки дар ин самт аллакай корҳои зиёде ба сомон расонида шудаанд, вале мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки калимасозӣ вобаста ба талаботи замону забон ва завқу салиқаи соҳибони забон, хосатан, адибони қаламбадаст роҳу усулҳои навро касб менамояд. Бар замми ин, он дар зери қалами нависандагон бо тарҳҳои наву ҷолиб ҷилва намуда, ҳар яке аз онҳо дар ин роҳ ҳунари хоси нависандагии худро истифода менамоянд. Аз ин ҷо, таҳлилу баррасии роҳҳои калимасозӣ дар осори адибони ҷудогона метавонад боз паҳлуҳои норушани ин масъаларо рӯйи об бароварда, ба ин васила назарияи калимасозии забони тоҷикиро боз ҳам ғанитар гардонад. Агар аз ҳамин мавқеъ ба диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» баҳогузорӣ карда шавад, пас, бо боварӣ метавон гуфт, ки он ба яке аз масоили муҳим ва баҳсноки шохаи забоншиносии ватанӣ бахшида шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои тахқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари бевоситаи ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия,

таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши он буда, барои ҳалли илмии масъала заминаи мусоид фароҳам овардааст. Муаллифи диссертатсия дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар рисола пешниҳодшуда аз усулҳои таҳқиқи таърихиву ҳаминзамонии забоншиносӣ, методҳои умумиилмии мушоҳида ва муқоиса, оморӣ, назари обйективӣ ба маводи илмиву бадеӣ ва методи таҳлили системавию муназзам истифода намудааст.

Мувофиқи андешаи муаллиф, Абдулҳамид Самад аз ҷумлаи нависандагони хушсаликаи адабиёти замони муосир аст, ки дар осораш метавон роҳу усулҳои гуногуни калимасозиро ошкор намуд. Ӯ тавонистааст дар қолаби усулҳои маъмули калимасозӣ вожаҳои навсохту тозамаъноеро мавриди истифода қарор диҳад, ки онҳо маҳз ба қалами ӯ тааллуқ доранд ва ин яке аз тозакориҳои услубӣ дар эҷодиёти ӯ маҳсуб меёбад.

**Нагиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович мувофиқи талаботи навтарин дар доираи номгӯйи ихтисораҳо, се боб, 25 фаслу зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт мураттаб гардидааст. Чун анъана дар қисмати муқаддимаи диссертатсия ба масъалҳои мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, обйект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуи интихобшуда ва дигар масоили алоқаманд бахшида шудааст.

Боби якуми диссертатсия зери унвони «Таҳқиқи масоили назариявии калимасозӣ ва инъикоси роҳи морфологии калимасозӣ дар осори Абдулҳамид Самад» боби назариявии рисоларо ташкил дода, асосан, ба таҳлили масъалаҳои роҳи морфологии калимасозии исм ва калимасозии пешвандӣ ва пасвандии он нигаронида шудааст. Дар заминаи назарияҳои мавҷуда ва пешқадами забоншиносони ватанӣ таъкид мегардад, ки исм дар баробари дигар ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ системаи муайяни калимасозии сарфии худро дорост, ки дар шаклгирии он нақши пешванду пасвандҳои исмсоз хеле назаррас аст. Агар дар ин самт пешвандҳо он қадар фаъол набошанд ҳам, вале теъдоди пасвандҳои исмсоз дар осори нависанда хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Пасвандҳои **-акӣ, -чӣ, -гар, -гор, -вар, -бон, -а** ва ғайра дар созмони исмҳои шахсу ғайришахс ва маънӣ хеле сермаҳсул буда, бо ёрии онҳо калимаҳои зиёде сохта шудаанд.

Боби дуюми рисола, ки «Роҳҳои калимасозии лексикӣ-семантикӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ дар осори Абдулҳамид Самад» унвон дорад, яке аз қисматҳои асосӣ ва амалии диссертатсияро фаро гирифтааст. Дар он ба масъалаҳои бозтоби роҳи луғавӣ-маъноии калимасозӣ, таҳаввулоти маъноии калимаҳо ва сермаъноӣ ҳамчун асоси калимасозии луғавӣ-маъноӣ, ташбеҳ ва кинояяке аз унсурҳои фаъоли маънои маҷозӣ дар низоми

маъноии калимаҳо, роҳи морфологӣ-синтаксисии калимасозии исм, ҳамчунин исмшавии дигар ҳиссаҳои нутқ таваҷҷуҳ шудааст. Маълум мегардад, ки забони тоҷикӣ аз рӯйи сохтори сарфӣ ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил шуда, дорои шароиту имкониятҳои фаровони вожаофарӣ мебошад. Бо ин роҳ, пеш аз ҳама, захираи луғавии забон бой гардида, ҳамзамон имкониятҳои дохилии калимасозии он аз ҳисоби унсурҳои аслӣ меафзоянд. Муаллиф зикр менамояд, ки дар роҳи сермаъно шудани вожаҳо саҳми воситаҳои тасвири бадеӣ, бахусус, ташбеҳ ва киноя чашмрас мебошад, ки онҳо бештар ба тавассути маҷоз дар мундариҷаи маъноии калимаҳо зоҳир мешаванд. Агар ташбеҳ дар заминаи муқоисаву монанд кардани як ашё бо шайъи дигар ё ягон паҳлуи барҷастаи онҳо ошкор карда шавад, пас, киноя ҳодисаҳои аз ягон ҷиҳат ба ҳам монанд мебошад, ки бо як калима ифода меёбад.

Вобаста ба масъалаи исмшавии калимаҳо дар забон қайд мегардад, ки ин падида метавонад дар дохили як ҳиссаи нутқ ё миёни ҳиссаҳои гуногуни нутқ сурат гирад. Муқаррар карда мешавад, ки дар осори нависанда бештар калимаҳои сифатӣ, ададӣ ва феълҳои ғайритасрифӣ метавонанд дар дохили матн вобаста ба талаботи нависанда ҳамчун исм хизмат намоянд. Ба монанди **сафед, беинсоф, калонсол, ҳазорҳо, сеюмин, хонасӯхта, вазидан, гиристан** ва ғайра.

Дар боби сеюми диссертатсия бо номи «Роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозии исм дар осри Абдулҳамид Самад» муаллиф аслан калимасозии мураккаби исмро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ҳошияи назарияҳои пешқадами мавҷуда таъкид мегардад, ки калимасозии исмҳои мураккаб яке аз роҳҳои муҳим ва сермаҳсули калимасозӣ дар забони тоҷикӣ мебошад. Ҳарчанд намунаҳои онро мо дар осори классиконамон баръало мушоҳида намоем ҳам, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар замони муосири рушди адабиёти тоҷик ин навъи калимасозӣ тобишҳои нави ҳамнишинии калимаҳо ва сохтори сарфиро соҳиб шуда, дар ин замина ҳазорон калимаҳои мураккаби шевову дорои маънҳои тоза имрӯз таркиби луғавии забони тоҷикиро зеб медиҳанд. Албатта, дар ин роҳ мақоми нависандагони хушсалиқае ба монанди Абдулҳамид Самад хеле назаррас буда, маҳз онҳо тавонистаанд дар асоси беҳтарин анъанаҳои калимасозии мураккаби забон вожаҳои қобили қабул ва оммафаҳмро пешниҳод намоянд.

Дар фаслу зерфаслҳои алоҳидаи боби мазкур қолабҳои серистеъмоли созмондиҳандаи исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ бо мисолоҳои фаровон нишон дода мешаванд ва муқаррар карда мешавад, ки дар тавлиди чунин навъи сохтории исмҳо омили асосӣ ҳамнишинӣ ва доираи муносибати маъноии калимаҳои забон мебошад. Дар фасли чоруми боби сеюм ба исмҳои мураккаби сеҷузъа тавақҷуҳ шуда, қайд мегардад, ки ин қабил исмҳо дар эҷодиёти адиб хеле зиёд ба назар мерасанд. Онҳо бо роҳи пайвасту тобеъ ва дар заминаи ҳамнишинии мувофиқи вожаҳои забон тавлид шуда, маъноҳои тамоман навро ифода мекунанд. Аз қабили **ошпаззан, шоҳмотбоз, одамфурӯш, кӯчагард, пешрӯба, варақгардонӣ, хишир-хишир** ва монанди инҳо.

Дар хулосаи диссертатсия бо овардани 12 банд натиҷагириҳо аз таҳқиқот ҷамъбаст карда мешавад. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 10 банд нишон дода шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо назарияву амалияи шохаи калимасозии забони тоҷикӣ метавонад боз ҳам тавсеа ёбад. Дар феҳристи адабиёт зикри теъдоди фаровони сарчашмаҳои илмиву бадеӣ, фарҳангномаҳо, мақолаву васоити таълимӣ, ба вижа, таҳқиқоти роҷеъ ба калимасозӣ анҷомёфта бевосита аз дониш ва огоҳии комили муаллиф дар таҳқиқи анҷомёфта дарак медиҳад. Истифодаи теъдоди зиёди пажуҳишҳои илмӣ, маводи фаровони бадеӣ ва накду назари мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе аз мутахассисони соҳа дар дохили диссертатсия истиқлоли назари ӯро дар раванди таълифи рисола таъмин намудааст.

Маълум аст, ки аз назари илмӣ баҳои воқеӣ дода тавонистан ба маҳорати эҷодӣ ва сабки нигориши нависандагон аз муҳаққиқ дар баробари дониши фаровон фаҳму идроки баландро тақозо мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ба таври возеҳ ошкор мегардад, ки муҳаққиқ аз ухдаи иҷрои ин вазифаи мушкил ба таври қонеъкунанда баромадааст. Аз тарзи гузориши масъалаҳо ва таҳлилу баррасиҳои пажуҳишгар ба осонӣ метавон пай бурд, ки ӯ соҳиби заковату завқи баланди калимашиносӣ мебошад. Аз ин рӯ, диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасуловичро метавон яке аз таҳқиқотҳои муҳим ва тоза дар шохаи калимасозӣ ва вожашиносии забони тоҷикӣ унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки содаи илмӣ, корбурди маводи фаровон, матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми адабиву илмӣ таълиф шудааст.

Аз номгӯйи адабиёти диссертатсия ва автореферати он бармеояд, ки диссертант давоми солҳои зиёд ба ин масъала сарукор гирифтааст ва нашри мақолаҳои зиёди ӯ роҷеъ ба масоили мухталифи калимасозӣ дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун муҳаққиқ далолат мекунанд. Ҳамзамон, иштироки муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун низ ба мустақилияти назари илмии вай роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ ишорат доранд.

Аз ин бармеояд, ки дар диссертатсия дастовардҳои илмӣ хеле зиёданд. Бо вуҷуди чунин афзалиятҳо ҳангоми мутолиаи рисола баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо, ба андешаи мо, сабаби боз ҳам боло рафтани ҳусну қубҳи илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Ба назари мо, қисмати “Саҳми шахсии довтлаби дараҷаи илмӣ” номукаммал буда, дар он дастовардҳои асосии довталаб дар таҳқиқи мавзуъ ба пуррагӣ нишон дода нашудаанд. Хуб мебуд, агар ин қисмат каме муфассалтар ва бо риояи талаботи охирин бозбинӣ мегардид.

2. Маълум аст, ки дар кори илмӣ овардани иқтибос бештар дар тақвияти андешаи муаллиф сурат мегирад ва мавқеи ӯ нисбат ба он бояд муайян карда шавад. Овардани чандин иқтибоси пасиҳам, бешубҳа, ҳусни илмии рисола ва мавқеи муаллифро коста мегардонад. Мутаассифона, ин ҳолат дар диссертатсия гоҳо ба назар мерасад, ки баъзан дар як саҳифа аз 4

то 7 иқтибоси илмӣ пайиҳам ҷо гирифтааанд (саҳ. 27,28,38,90).

3. Дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия – «Бозтоби роҳи калимасозии лексикӣ-семантикии калимасозӣ» муаллиф ташбеҳу кинояро ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ аз дидгоҳи луғатшиносӣ муфассал шарҳу тафсир менамояд, ки ин амал ба мавзуи калимасозӣ ҳеҷ рабте надорад. Таъкид менамоем, ки калимасозии луғавию маъноӣ раванди дар заминаи яке аз маъноҳои иловагии калима ба вуҷуд омадани калимаю маънои тамоман мустақил ва навро менноманд. Маъноҳои иловагии калимаҳо, ки бо роҳи ташбеҳ, киноя ё истиора дар ҳудуди матн ба вуҷуд омадаву берун аз матн тасаввурнопазиранд, ҳеҷ гоҳ роҳи калимасозӣ буда наметавонанд.

4. Дар саҳифаи 140-и диссертатсия бошад, калимаҳои **мӯйлаб, соҳибмаълумот, соҳибтӯй, бачамард, тахтапушт** ҳамчун калимаҳои мураккаби бо роҳи калимасозии синтаксисию морфологӣ сохташуда таҳлил карда шудаанд, ки мантиқан ғалат аст. Бояд қайд намуд, ки вожаҳои зикршуда аз ибораҳои изофии **мӯйи лаб, соҳиби маълумот, соҳиби тӯй, бачаи мард(-ак), тахтаи пушт** бо роҳи афтидани зада ва бандаки изофӣ аз ҷузъи аввали онҳо тавлид шуда, навъи калимаҳое мебошанд, ки бо роҳи калимасозии лексикию синтаксисӣ ба вуҷуд омадаанд.

5. Дар саҳифаи 132-и рисола аз такрори исмҳо ба вуҷуд омадани исмҳои нав қайд шуда, зикр мегардад, ки исмҳои **ғур-ғур** ва **қоҳ-қоҳ** аз такрори исмҳо сохта шудаанд. Бояд гуфт, ки калимаҳои такрори **ғур-ғур** ва **қоҳ-қоҳ** на аз такрори исмҳои алоҳида, балки аз такрори калимаҳои тақлидӣ сохта шудаанд.

6. Ба назари мо, бандҳои 6, 7, 8 ва 9-и қисмати “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ” ба моҳияти аслии он созгор нестанд.

7. Дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия мисолҳои зиёде бе овардани шоҳид таҳлил шудаанд. Хуб мебуд, агар барои тасдиқи мавод баъзе аз онҳо дар дохили ҷумлаҳо нишон дода мешуданд (саҳ. 10, 11,15,16).

8. Дар диссертатсия ва автореферати он риоя нашудани қоидаҳои навтарини имло ва мавқеъҳои гузоштани аломатҳои китобат ба мушоҳида мерасад.

Бояд илова намуд, ки камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллиф аз уҳдаи бандубасти илмии он комилан баромадаст. Бо назардошти ин, диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» пажуҳиши анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 11 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалии худ ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда. муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертасияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаиф кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12-уми майи соли 2023, суратҷаласаи №9 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд – 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илми филология, мудири
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

**Эксперт:**
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мавлонзода Ш.М.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, муаллими
калони кафедраи забони адабии муосири
тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳасанов М.М.

**Имзоҳои н.и.ф. Дӯстзода Ҳ.Ҷ., н.и.ф. Мавлонзода Ш.М. ва н.и.ф. Ҳасанов М.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
15.05.23

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: 221-77-11, 904.41-84-80.
E-mail: dustov.hamrokhon@mail.ru
Сомонаи расмӣ:www.tnu.tj